# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамали № __дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ

Лоиҳаи Дастурамали мазкур тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", ҷиҳати ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ дар соҳаи бонкдорӣ мутобиқ намудани раванди қарздиҳӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин муқаррар намудани талаботҳо ба низоми оқилонаи идоракунии хавфи қарзӣ, тартиби кор бо қарз, ҳисоб кардани фоиз ва пешгирии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ таҳия шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро муқаррароти қисми 2 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 20, 21, 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзиму назорат ва батанзимдарории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул буда, дар ҳолати рушд ёфтани муносибатҳои гуногуни миёнаравии молиявӣ, ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти мазкур ва кам кардани хавфҳо, ба санадҳои меъёрии амалкунанда тағйиру иловаҳои дахлдор ворид менамояд ва ё онҳоро дар таҳрири нав қабул мекунад. Бинобар он, ки самти қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ то рафт равнақ ёфта, он сол аз сол вобастагии зичро аз технологияҳои иттилоотӣ касб намуда истодааст, зарурати қабул намудани Дастурамали нав дар самти қарздиҳӣ ба миён омадааст.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз тасдиқ гардидани санади мазкур он ғайр аз бонкҳо нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд низ татбиқ гардида, тартиби баррасӣ ва пешниҳоди қарз ба муштариёнро тариқи фосилавӣ муайян менамояд ва сатҳи хавфҳои дар ҷараёни пешбурди назорати бонкӣ маълумшударо кам мекунад.

Пас аз тасдиқ гардидани лоиҳаи Дастурамали мазкур, ду дастурамали амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Дастурамали №186 "Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии

Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, №73 қабул гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10.06.с.2011, №612 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва Дастурамали №199 "Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29.11.с.2012, №308 қабул гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28.02с.2013 таҳти №705 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит карда шуда, барои ҳарду шакли ташкилоти қарзӣ дар самти қарздиҳӣ як Дастурамали умумӣ амал хоҳад кард.

Лоиҳаи Дастурамали мазкур, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), инчунин ташкилотҳои қарзӣ таҳия гардида, дар он меъёрҳои нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти ба амал баровардани муносибатҳои қарздиҳӣ ба назар гирифта шудаанд.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он тартиби кор бо қарз ва ҳисоб кардани фоизи қарз дар ташкилотҳои қарзӣ такмил дода шуда, самтҳои дахлдори он пурзӯр карда мешаванд. Инчунин, қабули ин Дастурамал барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самти қарздиҳӣ мусоидат менамояд.

Муовини Раис [signature] Толибзода Ф. Н.